Ҷойс Майер



# ОСОИШТАГӢ

*"...Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошад".*

# ОСОИШТАГӢ

*"...Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошад".*

Ҷойс
Майер

Peace by Joyce Meyer, Tajik translation

Тамоми ҷойҳои навиштаҷот аз китоби Библия бо забони тоҷикӣ, тарҷумаи институти Библия, Стокголм, Шветсия, 1992 гирифта шудааст.

Тамоми ҳуқуқҳо мувофиқи қонун дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда шудаанд. Дохили китоб ё муқовимаи он  пурра ё қисман танҳо бо иҷозати хаттии муаллиф чоп карда мешавад.

Copyright © 2012 Joyce Meyer, All rigths reserved.

# Мундариҷа


Дар дили шумо чӣ ҳаст? 7

Чӣ тавр оромиро ба даст оварем? 11

Бигзор осоиштагии Худо ҳукмрон бошад 15

Осоиштагии дохилиро кӣ медуздад? 19

Барои чӣ ҳолати осоиштагӣин қадар муҳим аст? 23

Мавқеъи мо дар вақтҳои озмоиш 29

Бо ҳаёти имрӯза зиндагӣ кунед 35

Дуо осоиштагӣ меорад. 41

Ҳаётӣ навро оғоз кунед 45

Дар бораи муаллиф 47

“...талабгорӣ осоиштагӣ шавед (ҳамоҳангӣ, оромӣ, озодӣ аз тарс, ҷангу ҷидолӣ бефоида) ва дар паи он бошед (на танҳо хоҳишӣ доштани осоиштагӣ бо Худо, дӯстон ва бо худатон бошед, балки талабгорӣ он бошед, кӯшиш намоед, ки онро ба даст оваред).

- 1 Петрус 3: 11

Ман дуо мекунам, ки ин китоби дар дасти шумо буда бароятон осоиштагӣ оварад, ки он “аз ҳар хирад болотар аст”.

- Филиппиён 4:7

# 1

# Дар дили шумо чӣ ҳаст?

*"Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам: осоиштагии Худро ба шумо медиҳам, на ончунон, ки ҷаҳон медиҳад Ман ба шумо медиҳам. Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошед" (ташвиш накашед, афсурда нашавед, натарсед ва ба ҳеҷ кас иҷозат надиҳед, ки шуморо ба ҳарос оварад, тарсу ва бе ғайрат набошед)*

*Юҳанно 14:27.*

Ин суханонро якчанд маротиба хонед ва дар бораи онҳо фикр кунед, бигзор онҳо дар дили шумо ҷой гиранд.

Оламе, ки моро иҳота мекунад, танҳо ҳиссиёти оромиро дода метавонад ва ин ҳиссиёт то вақте

давом мекунад, ки ҳар чиз дар ҳаётатон аз рӯи хости шумо шавад. Аммо ҳангоме ки ягон нохушӣ рӯй медиҳад ё мушкилӣ ба миён меояд, оромӣ ҳамон лаҳза гум шуда, тарсу хавотирӣ дар вуҷуди мо ҷой мегирад. Осоиштагие, киИсо ба мо медиҳад, моро на дар ҳолати хушӣ ва на дар ҳолатӣ нохушӣ, на дар фаровонӣ ва на дар камбудӣ тарк мекунад. Осоиштагии Ӯ ҳар бӯҳронро ором мекунад. Агар ростқавл бошем, шумо доимо мехостед, ки ҳар чиз мувофиқи табъи дили шумо бошад? Шуморо ранҷонидан намехоҳам, лекин ин орзу ҳеҷ вақт ҷомаи амал намепӯшад. Солҳои зиёд ман мехостам, ки аз ҳар чизе, ки мувофиқи таъби дили ман нест, озод шавам ва мехостам, ки ба мушкилию озмоишҳо ҳеҷ гоҳ дучор нашавам, лекин ин тавр нашуд. Ҳар қадаре, ки ман бо Худо зиёдтар мулоқот мекардам, ҳамон қадар зиёдтар дарк мекардам, ки бӯҳрон ва мушкилиҳои ҳаётро бояд бо осоиштагӣ дар дил гузаронам, ғам нахӯрам ва ташвиш накашам, он гоҳ ин мушкилиҳо зуд хотима меёбанд.

*Аз тариқи Китоби Муқаддас Худо ба мо мегӯяд, ки ҳаросон набошем (Юҳанно 14:27)*

Ман якчанд маротиба ин оятро хондадар борaи он фикр кардам ва боре ошкор гардид, ки

худам бо ҳамин корҳо машғул ҳастам: дар ҳарос будам. Шумо чӣ? Оё метавонед ҳангоми бӯҳрон, дар он қаиқ ҳамроҳи Исо буда ором бимонед?

Осоиштагиро дар дилҳои худ нигоҳ доред ва он гоҳ шумо ҳар рӯз дар ҳаёти худ хурсанд шуда метавонед.

# 2

# Чӣ тавр оромиро ба даст оварем?

Агар ба шумо фақат маслиҳат диҳанд, ки оромиро ба даст оваред, аммо он қадамҳои аниқи чӣ тавр ба даст овардани оромиро надошта бошад, ин маслиҳат ба шумо кӯмак намекунад.

Як ҳақиқат вуҷуд дорад, ки ба ман ёрдам дод, то дар ҳаётам хурсандӣ ва оромӣ дар дил дошта бошам ва онро аз даст надиҳам. Ҳақиқат ин аст: умуман иҷро кардани коре, ки ғайриимкон аст, корибемаънost. Оё шумо ҳаракати иҷро кардани ягон кори ғайриимконро мекунед? Баъд афсурда мешавед, ки кӯшишҳои шумо натиҷа надод? Корҳои ғайриимконро Худо карда метавонад ва Ӯ инро дар вақти Худ муайян кардааш ба анҷом мерасонад. Шумо қобилияти иҷро кардани ягон кореро берун аз вақти муайяншудааш надоред.

Ва агар ин корро анҷом диҳед ҳам, бо натиҷаи ба даст омада қаноатманд намешавед.

Мунтазири амали Худо бошед. Ва анҷоми кор ба Худо шарафу ба шумо осоиштагӣ ва оромӣ меоварад.Корҳои ғайриимконро кардан чӣ маъно дорад? Масалан, шумо ягон даъфа ҳаракат кардаед, кишавҳар, фарзандон ё касе аз наздиконатонро тағйир диҳед? Инсон дигар одамонро тағйир дода наметавонад, лекин Худо метавонад. Агар мо ба ягон нафар фишор оварда ҳаракат кунем, ки ӯро тағйир диҳем, дар натиҷа ба ҳама бад мешавад. Инсон барои он офарида нашудаст, ки бо талаботҳо ба ӯ фишор оварда шавад, балки ӯ ба интихоби озод зарурат дорад.

Дар солҳои аввали оиладориам ман ҳаракат мекардам, ки шавҳарам Дейв аз бозии голф даст кашад. Ба фикри ман ӯ аз ҳад зиёд вақти худро ба бозӣ сарф мекард. Хоҳиши ман он буд, ки ӯ ин вақтро барои ман сарф кунад. Барои ба даст овардани мақсади худ ман ҳар гуна роҳҳоро ба кор меандохтам, ҳатто аз айёрии худ истифода бурда, гӯё ранҷида бошам рафтор мекардам ва бо ӯ гап намезадам.... Баъзан ӯ гузашт карда голфбозӣ намекард, лекин ин ҳолат ҳам маро хурсанд намекард, чунки ман мефаҳмидам, ки ӯ инро на аз хоҳиши худ, балки аз барои фишор

овварданам мекард. Агар шумо касеро ба ягон кор маҷбур кунед ё ба ӯ фишор овареда, ҳатто ба мақсади худ расед ҳам, ин ба шумо хурсандӣ ва оромӣ намебахшад.

Мисоли дигар: шумо бо ҳолати рӯҳонии худ розӣ нестед ва ҳаракат мекунед, ки тағйир ёбед. Ин танҳо бо ёрии Рӯҳи Муқаддас имконпазир аст. Ӯ ҳамеша дар назди шумо ва ҳамеша барои кӯмак тайёр аст. Ӯ шуморо ба Худо наздик сохта,раҳнамоӣ мекунад, ки рӯҳан калон шавед.

Ё фарз мекунем, ки баъзе чизҳо дар худатон маъқул нест ва мехоҳед, ки аз онҳо озод шавед. Ин хоҳиши нек аст, аммо агар шумо аз Худо мадад пурсед беҳтар ва зудтар мешавад. Ва баъд мебинед, ки Ӯ мувофиқи табъи дили шумо ҷавоб медиҳад.

# 3

# Бигзор осоиштагии Худо ҳукмрон бошад

*“Бигзор дар дилҳои шумо осоиштагии Худо ҳукмфармо бошад (бигзор он довар бошад, ки адолатона ва пурра ҳар масъаларо ҳал намояд)”.*

*Қӯлассиён 3:15*

Дар мусобиқаҳои варзишӣ довар ғолибро муайян мекунад. Ҳамчунин оромӣ дар ҳаёти шумо он доваре бошад, ки дар зиндагиатон ҷӣ ҷой доштану ҷӣ ҷой надоштанро қарор мекунад.

Бисёр одамон дар ҳаёти худ оромӣ надоранд, чунки ба ҷои иродаи Худо иродаи худро афзалтар медонанд. Онҳо он корҳоеро мекунанд, ки худашон дуруст мешуморанд ё аз рӯи хости онҳо аст ва бо Каломи Худо мувофиқат намекунонанд. Бисёр вақт ман имконияти иҷро кардани ин ё он

хости худро доштам ва чунин мешуморидам, ки бояд аз ин фурсат истифода барам. Лекин боре ман дарк кардам, ки агар дар дил оромӣ надошта бошам беҳтар аст, ки аз кори худ даст кашам. Бигзор оромии дохилӣ шуморо роҳнамоӣ кунад, он гоҳ аз бисёр хатоиҳо эмин мемонед. Масалан,агар дар дил оромӣ надошта бошед, ягон чизро нахаред махсусан агар чизи қиммат бошад. Ва чӣ қадар хоҳиши шумо сахт бошад ҳам, баъд аз харидан пушаймон мешавед, чунки Рӯҳи Муқаддас шуморо беҳуда огоҳ намекунад.

Манро барои таълим додани каломи Худо бисёр даъват мекунанд ва агар нисбати ягон даъват дар дил ноором̄ӣ ҳис кунам онро рад менамоям. То ба имрӯз омада ман боварӣ пайдо кардам, ки агар нисбати сафари дар пеш буда оромӣ надошта бошам, лекин ба ҳар ҳол ба роҳ бароям, баъдтар албатта пушаймон мешавам ва сабабе, ки ин даъватро чаро мебоист рад кард, низ ошкор мешавад.

Дар хотир дорам, дар аввалҳои хизмати худ ман як даъвати ҷолиберо гирифтам. Он вақт маро барои маъвиза кардан зиёд даъват намекарданд ва ман бо хурсандӣ ҳар як даъватро қабул мекардам. Ҳар як имконияти маъвиза кардан барои ман ҳодисаи ҳаяҷонбахш буд ва барои

ҳамин ман зуд розӣ шудам. Лекин ҳар даъфае, ки ман дар бораи сафари дарпешистода фикр мекардам, маро ноором дар бар мегирифт. Ва ин ҳиссиёти ноором бештар ва бештар мешуд то ҳадде, ки ман бо сабабҳои бароям номаълум пурра осиштагии худро аз даст додам. "Агар бар ивази ман касеро наёбед он гоҳ меоям, лекин ман як ҳиссиёти нофаҳмо нисбати ин сафар дорам",–гуфтам манва онҳо маро дарк карда ин масъулиятро аз дӯши ман гирифтанд.

Баъдтар маълум шуд, ки маҳз дар ҳамон рӯз дар калисои маҳаллии ман рӯзи тантанавори кушодашавии бинои нави калисо баргузор мегардад. Дар он вақт ман ёрдамчии роҳбари (пастор) калисо будам, аз ин рӯ иштироки ман дар ин ҷашн ҳатмӣ буд.

Дар қабул кардани қарор бо ҳисси оромии дохила раҳнамо бошед. Бисёри вақт ин ҳиссиёт ягона нишонаи ёридиҳанда мебошад, ки дуруст ё нодуруст будани ин ё он қарорро ба мо нишон медиҳад. Зери роҳнамоии Худо бошед, он гоҳ ҳаёти шумо пур аз хурсандӣ ва осоиштагӣ мешавад.

# 4

# Осоиштагии дохилиро кӣ медуздад?

Ҳар як инсон сабабҳое барои хавотирӣ дорад. Шайтон дар тӯли зиндагиамон ҳар яки моро меомӯзад. Ба вай маълум аст, ки шуморо чӣ бештар ба ташвиш меорад ва хавотир мекунад. Лекин шумо низ бояд донед, ки чӣ шуморо бештар ба ташвиш меандозад ва дар шароитҳои мушкил ҳаракат карда оромиро нигоҳ доред.

Ҳар як кас сабабҳои худро дорад, ки ӯро ба ташвиш меандозад. Масалан он чизе, ки маро хавотир месозад, шавҳарам Дэйвро умуман ба ташвиш намеандозад. Ман хомӯширо дӯст дорам ва ғавғо маро ба хашм меорад, Дэйв ба овозҳои баланд парво надорад. Ҳангоме ки духтарамон мусиқиро бо садои баланд гӯш мекард, писарамон бошад, рӯи тахтафарши хонаамон бо саг даву тоз

мекард - ӯ оромона китоб хонда метавонист. Ман дар саросемагӣ ҳеҷ кор карда наметавонам ва аз дер мондан умуман хуш надорам. Дэйв бошад, оромона кори саркардаашро ба анҷом мерасонад ва мо баъд давон–давонсӯи масири худ шитоб мекунем. Ин ҳолат маро ба хашм меорад ва ман оромии дохилиро аз даст медиҳам. Дэйв бошад, агар дар фурудгоҳ як соат пеш аз қайди чиптаҳо ё дар майдони бозии голф як соат пеш аз бозӣ наояд афсурда мешавад.

Ҳамаи мо аз якдигар фарқ мекунем. Осоиштагии шуморо чӣ медуздад? Рӯйхати “дуздони” осоиштагиро тартиб дода, дар байни аъзоёни оилаатон дида бароед. Маълум кунед, ки кадом ҳолатҳо киро ба хашм меорад ва он корҳоро накунед, то дигаронро ба хашм наорад.

Ману шавҳарам бозии голфро хуш дорем. Лекин агар барои ман ин як намуди вақт гузаронӣ бошад, Дэйв бозингари аслӣ аст ва ҳангоми бозӣ кардан бо ӯ бозӣ ман набояд бозии ӯро танқид кунам. Мо якҷоя вақти хуб мегузаронем, лекин он чизе, ки маро хуш месозад, на ҳама вақт ӯро хурсанд мекунад ва ман бояд инро дар назар дошта бошам. Агар шумо бо касе вақти зиёд якҷоя зиндагӣ карда бошед, одат ва камбудиҳои ӯро мефаҳмед ва ҳамчун шахси бохирад он

коррееро,ки оромии дигар нафарро аз байн мебарад, намекунед. Ҳамин тавр не?

Дэйв доимо одат ва хоҳишҳои маро ба назар мегирад. Вақте ки ман бо кор банд ҳастам ё истироҳат мекунам, ӯ доимо оромиро нигоҳ медорад. Ва ӯ инчунин медонад, ки дар ҳоли монда шуданам бо ҳар сабаб зуд ба хашм меоям. “Борҳои якдигарро бардоред” (Ғалотиён 6:2). Биёед ба камбудиҳои якдигар пуртоқат шавем, зеро ки ҳар яки мо камбудӣ дорем.

# 5

# Барои чӣ ҳолати осоиштагӣин қадар муҳим аст?

Мо овози Рӯҳи Муқаддасро танҳо дар ҳолати оромии том (ё комил), ки моро ҳеҷ чиз ташвиш надиҳад, шунида метавонем.

Осоиштагии дил қуввати азиме дорад. Барои ҳамин Исо гуфтааст: “Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам, осоиштагии Худро ба шумо медиҳам...” (Юҳанно 14:27)

Агар мушкилие ба миён омада бошад ва ин шуморо ба хашм намеорад ва афсурда намесозад, он гоҳ шайтон бар шумо қудрат надорад. Агар шумо ба Худо таваккал кунед ва ором монед, он гоҳ шумо боқудрат ҳастед. Агар

шумо ташвиш кашед ва тарсед, дар ин суръат ваъзиятро аз болои шароитҳо шайтон дар дасти худ мегирад. Дар ҳолатҳои мушкил низ оромиро нигоҳ доред. Лӯхтаки дастони шайтон нашавед. Мутаассифона одам ба шароити душвор афтода шикоят мекунад, норозӣ мешавад,маҳкум мекунад ва бо ин корҳояш шароитро бадтар сохта, шайтонро боз ҳам боқувваттар мегардонад.Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки суханони мо оташро даргиронда метавонад. “Забон дар чунин ҳолат дар байни узвҳо ҷой гирифтааст, ки тамоми баданро палид месозад” ва сарчашмаи бадӣ шуда “худаш аз ҷаҳаннам оташ мегирад” (Яқъуб 3:5-6). Хоҳиши шайтон ин аст, ки шуморо аз оромӣ маҳрум созад, чунки он гоҳ ӯ шуморо идора карда метавонад.

Оё шумо пайхас бурдаед, ки вақти ба калисо рафтанӣ мешавед ё Китоби Муқаддас хонданӣ мешавед одатан чӣ рӯй медихад? Ҳатман бисёр монеаҳо пайдо мешаванд?

Пештар саҳарҳои рӯзи якшанбе дар хонаи мо чунон ғавғо бардошта мешуд, ки мо одатан пеш аз ба калисо рафтан якдигарро меранҷондем. Ягон чиз гум мешуд ё ягон чиз вайрон мешуд. Рӯзҳои дигар фарзандони мо хуб рафтор мекарданд, саҳарии якшанбе бошад, наздик

буд, ки бо якдигар ҷанг кунанд. Ман садоҳои баландро тоқат карда наметавонам, барои ҳамин ҳар қадаре, ки бетартибӣ дар гирду атрофи ман зиёд мешуд,ҳамон қадар ман ба хашм меомадам. Ман буғ-буғ карда ба ҳама норозигии худро баён менамудам. Дэйв бошад буғ-буғ ва шикоятҳоро тоқат карда наметавонад ва аз ман талаб мекард, ки ором шавам. Дар ин вақт ман тамоман ба хашм омада бо Дэйв ҷанҷол мекардам. Овози маро шунида фарзандонамон гирён мешуданд. Ва дар айни замон сагамон гирд- гирди хона бо пойафзол дар даҳонаш медавид, ки тамоми ҷанҷол аз он сар зада буд.

Ояти 18-ум аз фасли 3-уми номаи Яқъубро хонда ман фаҳмидам, ки барои чӣ ин ҳолатҳо маҳз ҳамон вақте, ки мо ба калисо рафтан мехоҳем, ба миён меояд. Гап дар сари он ки барои Каломи Худо дар дили мо ҷой гирифта, самара оварданаш осоиштагии дохилӣ зарур аст.

Оё шумо пеш аз ба калисо рафтан зиёд вақт асабонӣ мешавед? Маккории шайтонро аз хотир набароред ва ҳушёр бошед “зеро аз дасисаҳои (нақшаҳои) ӯ бехабар нестем” (2 Қӯринтиён 2:11). Тарҷумаи дигари ин оят мегӯяд, ки фикрҳои бадӣ ӯро медонем. Шайтон барои аз роҳ задани одам шуда, ҳар гуна макрро истифода мебарад.

“Ҳушёр ва бедор бошед, чунки душмани шумо иблис, мисли шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, ки ба коми худ кашад” (1 Петрус 5:8).

Сайди ӯ нагардед! Ҳангоме ки ноором мешавед ва ташвиш мекашед, ҳамон лаҳза худро ба даст гирифта ором шавед. Дар хотир доред, ки осоиштагии дил-қуввати шумост.

“Ба иблис ҷой надиҳед” (Эфсӯсиён 4:27). Вақте ки мо хашмгин мешавем ӯ ба ҳаёти мо дохил мешавад. “Хашмгин шуда хато накунед ва нагузоред, ки ғазаби шумо то ғуруби офтоб боқӣ монад” (хашмгин, дар ғазаб омада гуноҳ накунед ва то ғуруби офтоб аз он озод шавед) (ояти 26). Дигар хел карда гӯем, нагузоред, ки дар ин ҳолат вақти дароз монем.

Вақте ки мо хашмгин ё афсурдахотир мебошем хурсандии худро аз даст медиҳем ва хурсандиро аз даст дода қувватро гум мекунем “.....чунки шод будан дар ҳузури Худованд қуввати мост” (Наҳамиё 8:10).

Шоҳ Довуд ба ҷони худ бо чунин суханон муроҷиат мекард: “Чаро эй ҷонам, маъюс шудаӣ ва андаруни ман ошуфтаҳол ҳастӣ? (Барои чӣ ту ғамгин ҳастӣ)” (Забур 41:6). “Бо тавба ва фароғат

наҷот меёфтед; қуввати шумо дар оромӣ ва эътимод мебуд" (шумо қувват пайдо мекунед, агар ба Ман боварӣ кунед, ором ва пуртоқат бимонед) (Ишаъё 30:15). Рӯҳи Муқаддас танҳо дар фазои осоиштагӣ ва оромӣхудро аён мекунад. Ҳангоме ки дар дили мо бетартибист, Ӯ бо мо муносибат карда наметавонад.

Исо ҳафтод шогирди худро дунафарӣ мефиристод, то ки девҳоро берун кунанд, беморонро шифо диҳанд ва Хабари Хушро маъвиза кунанд. Ӯ ба онҳо амр кард, ки ба ҳар шаҳр дохил шуда, хонаеро пайдо карда, дар он бимонанд ва ҳангоми бо хона дохил шудан ба аҳли он осоиштагӣ бихоҳанд ва агар онҳоро бо осоиштагӣ қабул накунанд, аз он шаҳр ё хона берун омада ҳатто ғубори пояшонро биафшонанд (Луқо 10:1-11). Барои чӣ? Барои он ки агар дар фазои осоиштагӣ набошанд, ҳеҷ кадом вазифаеро, ки барояш Исо онҳоро фиристода буд, иҷро карда наметавонистанд. "...Дуо кунед, то ки ба озмоиш дучор нашавед" (Луқо 22:46). Ҳаракат накунед, ки танҳо бо қуввати худ ба шайтон зиддият нишон диҳед. Дуо кунед, то ки Худо барои муқобилат кардан ба шумо қувват бахшад. "... бе Ман шумо ҳеҷ коре карда наметавонед" (Юҳанно 15:5). Аммо бо ҳамроҳии Исои Масеҳ ҳар33 кореро ба анҷом

расонида метавонед. (Филиппиён 4:13). Инчунин "Бо Худованд ва тавоноии Ӯ устувор гардед" (Эфсӯсиён 6:10).

# 6

# Мавқеъи мо дар вақтҳои озмоиш

*“...То ки дар рӯзи бад муқобилат карда, истодагарӣ карда тавонед (дар ҷои худ мустаҳкам биистед)”.*

*Эфсӯсиён 6:13*

Зеро ки мо офариниши Ӯ ҳастемва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек ....” “Аммо акнун дар Исои Масеҳ шумо...” (Эфсӯсиён 2:10,13). Дар ҳарду оят навишта шудааст, ки мо дар Масеҳ ҳастем. Исо гуфтааст: “Агар дар Ман бимонед ва каломи Ман дар шумо бимонад ҳар чӣ талаб мекунед ба шумо ато хоҳад шуд”.

Ба дӯши худ мушкилиҳоро напартоед, балки ба Худо имон оваред, ки ба шумо кӯмак мекунад ва инро дониста, дар оромӣмонед (Ибриён 4:10). Бо ҳар гуна озмоишҳои сахте, ки дучор нашавед

ҳам Худо дар тарафи шумост. Ӯ ба шумо мадад мерасонад, шумо “биистед ва наҷоти Худовандро бубинед” (Ҳуруҷ 14:13). Дар ҳеҷ шароит осоиштагӣ ва оромиро аз даст надиҳед.

“...Ва дар ҳеҷ хусус аз душман натарсед... барои шумо ин аломоти наҷот аст-ва ин аз ҷониби Худост” (Филиппиён 1:28).

Агар шайтон бароят мушкилӣ ба вуҷуд ораду шумо ором монед, бо ин шумо нишон медиҳед, ки вай бохтааст. Агар ӯ шуморо афсурдахотир сохта натавонад, дигар намедонад, ки боз чӣ кунад. Ҳолати осоиштагии шумо ба Худо имконият медиҳад, ки шуморо аз зери фишор озод намояд, зеро оромии дил ба имони боқуввати шумо шаҳодат медиҳад (Ибриён 4:3).

Аз ҳаёт ҳаловат бурда, Худоро шукр кунед, ки Ӯ доимо ғамхори шумо мебошад. Шояд шумо эътироз намуда мегӯед, ки дар ҳаёти пур аз озмоиш хурсанд будан мушкил аст. Лекин аз афсурдагии шумо ин мушкилиҳо натанҳо кам намешаванд, балки зиёд мегарданд. Хурсандӣ айни ҳамон қувватеро дорад, ки осоиштагӣ дорад ва нишонаи боварии шумо ба Худо мебошад, ки он дар навбати худ сабаби ҳалли тамоми шароитҳои нохушӣ шумо мегардад.

Пештар вақте ки мо бо Дэйв ба ягон нохушӣ ё озмоиш меафтодем ин ҳолат вайро ғамгин намесохт ва ӯ мисли пештара хурсандӣ мекард. Ман бошам худро бадбахт мешуморидам ва хашмам ба ӯ меомад, ки чаро ӯ мисли ман ғамгин ва таҳти таъсири ин мушкилиҳо намебошад.

Бисёр вақт мо мушкилиҳои иқтисодӣ доштем. Дэйв боварӣ дошт, ки ин мушкилиҳо ҳатман ҳалли худро меёбанд ва мегуфт: "Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки тамоми ғамҳоро ба Ӯ вогузор намоем, чунки Ӯ ғамхорӣ мо мебошад. Ӯ дар бораи тамоми мушкилиҳои мо медонад, пас барои чӣ мо ташвиш кашем? Оё ташвиш кашидан пули моро зиёд мекунад?"

Дар ҷавоб ман мегуфтам: "Дэйв ҳамаи инро ман медонам, лекин ту ба ҳар ҳол беамал истода наметавонӣ". Ман мехостам, ки ақалан ягон кор кунад.

-Хуб, Ҷойс, ман чӣ карданам даркор?

-Дуо кун, ки мушкилиҳои мо дур шавад.

-Ман аллакай дуо кардаам ва аз Худо пурсидам, ки мушкилиҳои моро ҳал кунад. Ва боз ман аз Ӯ пурсидам, ки дар ин бобат чӣ кор кунам. Ӯ ба ман чизе нагуфт барои ҳамин ман сабаби ҳаракат карда ҳал намудани ин мушкилиро ва ё нишаста

ғамгин буданро намебинам.

Дар дил ман дарк мекардам, ки Дэйв ҳақ аст. Ва ба ҳар ҳол овозе ба ман мегуфт, ки дар ҳолати нохушӣ хурсанд будан бемаъност.Дар тӯлли солҳо ҳар вақте ки мушкилие ба миён меомад ҳамин ҳолат рӯй медод: Дэйв дуо мекард ва оромиро нигоҳ медошт, ман дуо мекардам ва асабонӣ мешудам; худро бадбахт мешумоӣридам, Дэйв бошад, хурсандӣ мекард. Ва Худо доимо ёрдам медод, ки Дэйваз мушкилиҳо барояд. Ва оқибат ман фаҳмидам, ки ташвишҳои ман ба ҳалли мушкилӣ кӯмак намерасонанд. Ман худро бадбахт мешумоӣридам, ки ин ҳолат дар натиҷа ба дуоҳои ман монеъ мешуд. Акнун дар ҳар ҳолат ман оромиро нигоҳ медорам.

Исо гуфтааст:"Дар ҷаҳон (ки шуморо иҳота мекунад) ғаму кулфат хоҳед дошт; лекин далер бошед: Ман бар ҷаҳон ғолиб шудаам" (Юҳанно 16:33). Ҳаёт бе мушкилиҳо намешавад, лекин мо набояд таҳти таъсири ин мушкилиҳо бошем (Луқо 8:13, 1Қӯринтиён 10:13, Яқъуб 1:12).

Аз барои Исои Масеҳ мо ғолибон ҳастем (Румиён 8:37). Орзу накунед, ки рӯзе мерасаду ҳеҷ мушкилӣ намешавад. Дар осоиштагӣ бимонед ва ғалаба ҳамеша бо шумо мебошад.

Аз вакил (апостол) Павлус ибрат гиред. Ӯ дар норасогӣ ва фаровонӣ низ конеъ буданро ёд гирифт (Филиппиён 4:11-12). Агар шумо низ чунин рафтор карданро аз худ накунед, ташвишҳо дар ҳаёти шумо хотима намеёбанд. Дар хотир доред, ки агар шайтон ба воситаи шароитҳо ба шумо фишор оварда тавонад, он гоҳ ӯ бар ҳаёти шумо қудратро ба даст меорад. Дар дил осоиштагӣ дошта, шумо ҳар як мушкилиро бо сари боло мегузаред.

# 7

# Бо ҳаёти имрӯза зиндагӣ кунед

*Пас, барои фардо ғамхорӣ накунед (ташвиш накашед), зеро ки фардо барои худ ғамхорӣ хоҳад кард: заҳмати имрӯза (ва ташвиш низ) бораи имрӯз кофист.*

*Матто 6:34*

Агар мо ташвиши рӯзи фардорокашем, он гоҳ осоиштагии дохилиро гум мекунем. Магар мо барои имрӯз кору мушкилии кофӣ надорем, ки боз барои фардо ғам хӯрем? Худо ба мо имрӯз мадад мекунад, пас, фардо низ мадад хоҳад кард. Ба ғайр аз ин, одатан ташвишҳои мо беасос мебошанд. Мо дар бораи он чизҳо ташвиш мекашем, ки шояд ҳеҷ гоҳ рӯй намедиҳанд. Ва агар ташвиш ба тарс мубаддал гардад, он гоҳ

чизи метарсидаамон ба сарамон меояд.

Аз рӯзи фардо натарс. Худо вафодор аст ва ҳар чизе, ки ба фардо тааллуқ дорад, Ӯ фардо иҷро мекунад. Ӯ қодир аст ҳар як мушкилии шуморо ҳал кунад, барои ҳамин бигзор ғамҳои рӯзи фардо шуморо аз имконияти ҳаловат бурдан аз ҳаёти имрӯза маҳрум насозад. Агар ба Худо такя карда ва бо ҳаёти имрӯза зиндагӣ кунем, мо бисёр чизҳоро дастрас карда метавонем.

Вақте ки ман ба мактаби Китоби Муқаддас таълим доданро оғоз кардам, чунин дарсро аз худ кардам. Дар он вақт ман тамоми рӯз кор мекардам, ҳафтае як маротиба дар калисои маҳаллӣ маъвиза мекардам, ки дар он ҷо ман ёрдамчии роҳбари калисо будам ва ба ғайр аз ин соҳиби чор фарзанд низ будам. Ногаҳон бароям имконияти ҳафтае се маротиба таълим додан пайдо шуд. Ман дар бораи ин орзу мекардам ва ана ин фурсат омад. Лекин зиёд шудани миқдори дарсҳо вақти зиёдро низ барои тайёрии онҳо талаб мекард. Барои беҳтар тайёр шудан ба дарсҳо, мебоист ки ман дақиқтар Навиштаҷотро меомӯхтам. Азбаски тамоми рӯз кор мекардам, барои тайёрӣ дидани дарсҳо танҳо бегоҳӣ вақт доштам.Баъд аз дуоҳоибисёр ва фикрронимҳои тӯлони ман ба кӯмаки Худо таваккал карда ба ин

кори бисёр мушкил розӣ шудам. Ман тасаввур намекардам, ки чӣ гуна қувватам барои ҳамаи ин кор мерасад. Аммо рӯз аз паи рӯз мегузашт ва ман ба ҳамаи корҳо вақт пайдо мекардам. Худо ба ҳар чиз кӯмак мекард. Ва баъд аз як сол аллакай бисёр осон буд, чунки ҳамаи дастнависҳои дарсии соли гузаштаро доштам.

Бо ду сабаб Худо мехост, ки ман ин корро анҷом диҳам. Сабаби аввал: ман аз таҷрибаи худ фаҳмидам, ки бо ҳаёти имрӯза зиндагӣ карда, дар бораи рӯзи фардо ғам нахӯрдан имкон дорад. Сабаби дуюм: Ӯ мехост, ки ман ба маъвизаи зиёд кардан одат кунам. Ва ҳоло, ки ман ба ғайр аз хизматгузориҳо дар калисо инчунин дар конфронсҳои зиёде, дар бисёр кишварҳои дунё Хушхабарро маъвиза мекунам ин таҷриба ба ман ёрӣ мерасонад.

Ташвиш инчунин ҳиссиёти афсӯсро нисбати нобарории кор ва хатоиҳои гузашта дар инсон илова мекунад. Ҳар яки мо хатогӣ мекунем. Ҳатто он нафароне, ки ба фикри шумо доимо дуруст рафтор мекунанд, низ хато мекунанд. Ҳамаи мо ягон сухане мегӯем ё ягон коре мекунем, ки пас аз он пушаймон мешавем. Лекин ба ивази он ки аз хатогиҳои гузаштаи худ пушаймон шуда истӣ, бояд дарк кунӣ, ки гузаштаро ислоҳ карда

намешавад ва беҳтар аст, ки ба Худо таваккал кунем, ки оқибатҳои хатогиамонро аз байн мебарад.

Баъзан ман низ аз суханони зиёдатӣ гуфтаам пушаймон мешавам. Лекин ба ивази ин ки касеро хафа кардам гуфта виҷдонамро азоб дода истоданам, ман аз Худо хоҳиш мекунам, ки ба ҳамон кас фаҳмонад, ки ман ин корро қасдан накардаам ва ба барқароршавии муносибатҳоямон кӯмак кунад. Худам ором монда, ҳангоми вохӯрӣ бо он касон аз тарс печутоб намехӯрам. Афсӯсхӯрӣ аз хатогиҳои гузашта мисли дом барои мо шуда метавонад.

Одатан мо бо Дэйв дар ягон ҷое берун аз хона таом мехӯрем. Ва дар баъзе ҷойҳое, ки таом мехӯрем,мешавад, ки ё таомаш хуб набуд ё хизматрасониашон бад буд. Пештаразчунин ҷойҳо баромада, аз омаданамон ба ин ҷои бад бисёр афсӯс мехӯрдем. Лекин аз ин чӣ фоида аст? Мо аллакай таомро хӯрдаем ва пулашро низ додаем ва афсӯси мо нисбати таоми бад ҳеҷ тағйироте намеорад. Ҳоло агар ба чунин ҷойҳо баробар шавем, хафа намешавем,фақат мегӯем: “Ин ҷои хубе барои таомхӯрӣ набуд ва мо дигар ба ин ҷо намеоем”.

Дар хона мо як лавҳае овезон аст, ки дар он

навишта шудааст: “Агар бо гузашта зиндагӣ кунед, шумо барои худ ҳаётатонро мушкил месозед. Агар бо оянда зиндагӣ кунед, ҳолати шумо чизи орзу карданӣ нест. Лекин агар шумо бо хурсандӣ ҳар рӯзро қабул кунед, он гоҳ шумо дар роҳи дуруст ҳастед!”

# 8

# Дуо осоиштагӣ меорад.

“Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо ҳамеша дар дуо ва илтимос бо шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед. Ва осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст , дилҳои шумо ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт”. Филипиён 4:6-7

Дар вақти шароитҳои наонқадар хуб агар шумо ба ҷои хафа шудану афсурдахотир гаштан ва ташвиш кашидан пурра ором монед, он гоҳ осоиштагие, ки аз ҳар хирад болотар аст шуморо фаро мегирад.

Борҳои худро ба Исо диҳед. “Ҳамаи ғамҳои худро ба Ӯ вогузор намоед, зеро ки Ӯ ба шумо ғамхорӣ мекунад” (1 Петрус 5:7).

Дар тарҷумаидигар ин оят чунин омадааст: “Тамоми ғамҳои худро ва ҳама чизеро, ки шуморо ба ташвиш меандозад, бесарамҷон мекунад ва афсурдахотир месозадба Ӯ диҳед, то ки Ӯ дар вақти зарурӣ ба шумо мадад расонад”. Чӣ хел олӣ! Ва чӣ қадар ғамангез аст, ки бисёре масеҳиён аз ин файз истифода намебаранд. Шумо чӣ? Шумо ғамҳои худро ба Ӯ вогузор мекунед? Агар намекарда бошед, ба шумо беҳтар мешавад, ки зудтар ин корро кунед.Чӣ қадаре ки шумо дер кунед ҳамон қадар қудрати шайтон бар шумо зиёдтар мешавад ва аз ин чоҳ баромадан ба шумо душвортар мешавад.

Вақте ки ман тамоми ғамҳои худро ба Худованд вогузор карданро сар кардам, тамоми рӯз фикрҳо дар бораи ин мушкилиҳо ба ман ҳамла мекарданд. Ва ман аз Худо мепурсидам: “Худованд, чӣ тавр ман дар бораи ин мушкилиҳо фикр накунам?”Ва ҷавоби Ӯро дар хотир дорам: “Бисёр осон аст, Ҷойс, дар бораи ягон чизи дигар фикр кун”. Дар асл ҳамааш осон аст: ҳангоме ки фикри шумо бо чизи дигар банд мешавад, дар бораи мушкилиҳои худ фикр намекунед. Ва ҳатто агар дар бораи онҳо фикр кунед ҳам фикрҳои мусбӣ дошта бошед.

“Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо ҳамеша дар дуо ва

илтимос бо шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед” (Филиппиён 4:6).

Дуо кунед ва ғами ҳеҷ чизро нахӯред, он гоҳ “осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст”, яъне осоиштагие, ки аз фаҳмиши мо боло аст,ба дилҳоямон меояд. Ва то ки дар ақли мо фикрҳои манфӣ ҷой нагиранд, дар бораи “ҳар он чӣ рост аст ва ҳалол аст ва бо инсоф аст ва пок аст ва хушоян аства шоёни таҳсин аст” фикр кунед (ояти 8).

Ман дуо мекунам, ки Худованд бароидар амал истифода бурдани ин усулҳо ба шумо кӯмак кунадва аз баракатҳое, ки Ӯ ба шумо тайёр кардааст ҳаловат бурда тавонед.

# Ҳаётӣ навро оғоз кунед

Агар шумо то ҳол ба Исои Масеҳ имон наоварда бошед, ҳамин ҳоло имон оварда метавонед. Аз сидқи дил ин дуоро хонед ва дар Масеҳ соҳиби ҳаёти нав мешавед.

Худованд, ман бовар мекунам, ки Исои Масеҳ Писари ту ва Наҷотбахши ҷаҳон аст. Ман бовар мекунам, ки Ӯ дар салиб ҷон дода, нархи гуноҳҳои маро супорид. Ман бовар мекунам, ки дар рӯзи сеюм Ӯ аз нав зинда шуд ва аз тарафи рости Ту дар осмон нишаст.

Исо, ман ба Ту мӯҳтоҷ ҳастам ва Туро Худованди худ эълон мекунам. Омин.

Аз ҳамин лаҳза сар карда Исо дар дили шумо зиндагӣ мекунад. Худо гуноҳҳои шуморо бахшид ва шумо дар назари Ӯ пок шудаед ва баъд аз марг ба осмон меравед.

Калисои хуберо, ки Каломи Худоро бо пуррагиаш маъвиза мекунад пайдо карда, ба он аъзо шавед ва бо Худованд муносибати наздик дошта бошед. Донистани Каломи Худо

ва мувофиқӣ он зистан ҳаёти шуморо тағйир медиҳад. “......агар шумо дар Каломи Ман бимонед, ҳақиқатан шогирдони Ман хоҳед буд, ва ростиро хоҳед шинохт ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард” (Юҳанно 8:31-32).

Каломи Худоро хонеда омӯзед, то ки он дар дили шумо ҷой гирад. Дар ҳар шароит ба Каломи Худо муроҷиат кунед ва он ба шумо роҳи дурустро нишон медиҳад.

Бо муҳаббат, Ҷойс Майер

# Дар бораи муаллиф

Ҷойс Майер ҳамчун муаллими Китоби Муқаддас ва муаллифи зиёда аз ҳаштод китоб аз ҷумла "Ман ва забони дарозам", "Агар файзи Худо намебуд", "Дар хона хӯҷаин кист", "Ақл - майдони ҷанг", дар тамоми олам машҳур аст. Инчунин ӯ ҳазорҳо диск бо таълимоти худ бароварда аст.

Барномаҳои радио ва телевизонии Ҷойс Майер "Ҳаёти пур аз хурсандӣ" ба тамоми ҷаҳон пахш мегарданд, инчунин ӯ дар тамоми ҷаҳон конфронсҳо мегузаронад.

Ҷойс бо ҳамсараш Дэйв соҳиби чор фарзанд мебошанд ва дар шаҳри Сент Луис, иолоти Миссури, ИМА зиндагӣ мекунанд.

Ғамҳои худро ба Худо супоредва Ӯ ба ивази он осоиштагӣ ва хурсандии Худро медиҳад



Ҳангоми қабул кардани қарор мо бояд дар дили худ оромӣ дошта бошем. одатан ин ҳиссёти оромӣ ягона нишонае мебошад, ки моро барои қарори дуруст қабул кардан раҳнамоӣ мекунад.Бигзоред, ки Худо шуморо раҳнамоӣ кунад, он гоҳ ҳаётатон доимо пур аз хурсандӣ ва осоиштагӣ мешавад. аз ҳаёти худ ҳаловат бурда, Худоро шукр гӯед, ки Ӯ доимо ғамхорӣ шумо мебошад. Шумобо эътироз гуфта метавонед, ки ҳаётатон аксаран аз озмоишу сахтиҳо иборат аст ва дар чунин ҳолат чӣ тавр хурсанд бошем. Лекин аз он ки шумо ғамгин мешавед озмоишу сахтиҳо кам намешаванд, баръакс зиёд мегарданд. Хурсандӣ айни ҳамон қувватеро дорад, ки осоиштагӣ дорад, ва ин ҳолат нишонаи боварии шумо ба Худо аст. Боварӣ дар навбатӣ худ ҳалли мушкилиҳои шумост.

JOYCE MEYER
MINISTRIES